“Тасдиқ мекунам”
директори Институти биологии Помир
ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои биологӣ
_______________ Хуҷамзода Г.
“ 17 » 04 _______________ соли 2023

## Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Ҳукумати мамлакат доимо баҳри баланд бардоштани иқтисодиёти миллӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ усулҳои нави коркардашудаи иноватсионии олимони ватаниро барои амнияти озуқаворӣ дар доираи барномаҳои стратегӣ амалӣ намуда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон агарчи кишвари камзамин аст вале манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ заминҳои обёришавандааш ба шумор меравад.

Зироати чормағзи заминӣ манбаи асосии равғани растанӣ буда, кишти он чун лӯбиёгӣ хокро низ ҳосилхез намуда аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле фоидаовар аст. Яке аз роҳҳои дар оянда ҳарчи бештар ба даст овардани маҳсулоти зироати номбурда аз майдони муайяни замин ин кишти такрории он мебошад. Аҳамияти коркарди технологияи парвариши зироати чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ бахусус баъди зироати ҷав на танҳо барои истеҳсоли равғани аз ҷиҳати экологӣ тозаи растанӣ аст, балки вай ҳамчун зироати лӯбиёгӣ манбаи анбӯи сабз ва бедаи серғизои чорво буда хокро аз нитрогени ҳаво ғанӣ гардонида ҳосилхезиашро баланд мебардорад.

Мавзӯъи интихобнамудаи унвонҷӯ Бегназаров Д.Б. нахустинанд, ки ба масъалаи истифода бурдани зироати чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ бахшида шудааст. Тадқиқотҳои дар Тоҷикистон маъмул ба кишти асосии ин зироат таалуқ доранд.

Аз ин лиҳоз коркарди агротехникии парвариши чормағзи заминӣ, дар кишти ангорӣ (такрорӣ) то ҳол дар шароити минтақаи Ҳисор омӯхта нашудааст ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани ин масъала хеле муҳим буда дорои аҳамияти назарияв ва амалия аст.

**Рузмарагии мавзӯи диссертатсионӣ.** Унвонҷӯ дар Ҷумҳурӣ аввалин шуда дар заминҳои обёришавандаи Тоҷикистони Марказӣ технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти такрорӣ вобаста аз мӯҳлати кишт ва миқдори ниҳолҳои ин растанӣ дар 1 га, маҳсулнокии ин зироат, дар кишти онгорӣ вобаста аз истеҳсоли дон, равғани растанӣ, анбӯҳи сабз ва беда,

инчунин таъсири радеатсияи фаъоли фотосинтетикӣ (РФФ) ба ниҳолҳои чормағзи заминӣ ҳаматарафа дар минтақаҳои таҳқиқотӣ омӯхта аст. Ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмии гназаров Д.Б. дар истеҳсолот, яъне дар парвариши зироати чормағзи заминӣ оиди баландтар бардоштани ҳосили дон, массаи сабз, коҳи беда ва маҳсулоти асосиаш – равғани растанӣ аз ҳар як га замин мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки дақиқ муайян намудани мӯҳлати мувофиқи кишти объекти таҳқиқот, зичии мӯътадили ниҳолҳои он дар 1 га замин, таъсири радиатсияи фаъоли фотосинтетикӣ вобаста аз мӯҳлат дар кишти ангорӣ барои минбаъд такмил додани усулҳои асосии агротехникаи парвариши чормағзи заминӣ заминаи мустаҳкам мегузоранд. Унвонҷӯ самаранокии иқтисодии парвариши чормағзи заминиро дар тадқиқотҳояш баҳогузори карда барои истеҳсолот тавсияҳои судманд пешниҳод кардааст, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ аст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои** ба дастомадаро интихоби дурусти мавзӯъи таҳқиқотӣ, истифодаи усулҳои муосири агротехникӣ, агрохимиявӣ ва биологӣ дар минтақаи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлилу хулосаҳои аз бобҳои рисола бароварда ва тавсияҳои амалии муаллиф аз аҳамияти амалӣ доштани мавзӯъ далолат медиҳанд. Хулосаҳои натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф пурра мантиқан ба мазмуни бобҳои рисола мувофиқат мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки ба даст овардани ҳосили фаровони чормағзи заминӣ аз шароити мусоиди ташакулёбии лундачаҳо дар давраи нашъунамои растаниҳо вобаста аст. Барои ҷорӣ намудан дар истеҳсолот мӯҳлати кишти навъи чормағзи заминӣ “Тоҷикӣ-15” 1-5 -уми июн бо миқдори 116 ҳазор растанӣ дар 1 га, ки шумораи лундачаҳо ба ҳисоби миёна аз як ниҳол 45 адад ва вазнашон 50 мг ташкил медиҳад тавсия карда шудааст.

**Саҳеҳӣ, навгонии амалии натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии рисола.** Бори нахуст муаллифи рисола дар таҳқиқотҳояш дар асоси маълумотҳои воқеъӣ чунин хулоса мекунад, ки кишти такрории чормағзи заминӣ дар шароити Тоҷикистони Марказӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид буда дар таъмини амнияти озуқаворӣ, чун хӯроки чорво ва баланд бардоштани ҳосилхезии замин нақши муҳим дорад. Дар ҳоле, ки дар кишти ангории чормағзи заминӣ мӯҳлати тавсияшудаи кишт, зичии растаниҳо дар майдони муайяни замин ва дигар хулосаҳои амалии таҳқиқот дар технологияи парвариши зироат риоя карда шаванд.

Риояи агротехникаи илман асоснокшудаи унвонҷӯ дар парвариши кишти ангории чормағзи заминӣ дар минтақаи таҷрибавии Зарнисори шаҳри Ҳисор дар тӯли 2 сол ба ҳисоби миёна руёнидани то 3,3 т/га равғани чормағзи заминиро таъмин намуд.

**Таркиб ва танзими рисола, тасдиқ намудани тавсифоти муллиф.**

Диссертатсия дар ҳаҷми умумии 124 саҳифа матни компютерӣ тахия гардида, аз муқкадима, 4 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот, 27 ҷадвал, 16 диаграмма, 26 расм аз ҷумла 24-тоашон

дар замимаҳо иборат аст. Рӯихати адабиётҳо 119 номгӯй буда, 28 сарчашмааш аз адабиётҳои хориҷаи дур мебошанд.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯъ, дараҷаи коркарди илмии мавзӯъ робитаи таъқиқот бо барномаҳои илмӣ мақсади вазифаҳо ва объекти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот дар 6 саҳифа (4,8 % аз ҳаҷми умумӣ) кӯтоҳ ва ба таври возеҳ оварда шудааст.

Дар боби якум дар асоси таҳлилҳои адабиётҳои дастрасшуда дар ҳаҷми 27 саҳифа (22,8%) оиди аҳамияти чормағзи заминӣ барои хоҷагии халқ, пайдоиш ва паҳншавии он, хусусиятҳои морфолигию биологии он, тавсифи умумӣ, маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар манотиқҳои гуногуни дунё вобаста аз агротехникаи парвариш маълумот оварда шудааст. Дар хулоса омадааст, ки ҳосилнокии ин зироат дар кишти такрорӣ паст буда, сабаби асоси он аст, ки технологияи муосири парвариши чормағзи заминӣ мавҷуд нест. Барои ҳамин ҳам унвонҷу вобаста аз хоку иқлим, мӯҳлатҳои кишт ва зичии мӯътадили растаниҳоро дар 1 га замин мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар боби дуюм унвонҷӯ тавсифи мухтасари шароити хокию иқлимии Тоҷикистони Марказиро таҳлил карда қайд мекунад, ки шароити иқлими водии Ҳисор барои парвариши зироатҳои чормағзи заминӣ ва пешкишташ ҷав, таҳлили муҳимияти гузаронидани чунин таҳқиқот ва усулҳои гузаронидани таҷрибаҳо, агротехникаи парвариши ҷав дар кишти асосӣ ва кишти чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ дар ҳаҷми 20 саҳифа (16,1 %) маълумотҳо оварда шудаанд. Унвонҷӯ дар боби дувум шароити иқлимӣ ва хокии минтақаи таҳқиқотиро мувофиқи адабиётҳои дастрасшуда пурра таҳлилу баррасӣ намуда, маълумотҳои заруриро оиди давомнокии ҳарорати мусбии ҳаво, ҳарорати фаъоли ҳаво, микдори боришот дар мурури як сол, намнокии мӯътадили ҳаво дар солҳои таҳқиқот, тавсифи агробиологии навъҳои чормағзи заминӣ ва ҷав, ки чун объекти таҳқиқотанд ва баъзе чорабиниҳо, доир ба агротехникаи парвариши ин зироатҳо муффасал пешниҳод шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқотҳо дар ҳаҷми 30 саҳифа (24,2 %) пешниҳод шудааст. Ин боб аз 4 зербоб иборат буда унвонҷӯ маълумотҳои таҳқиқотиашро доир ба маҳсулнокӣ ва самараи иқтисодии парвариши зироати ҷави навъи “Пӯлодӣ” дар кишти тирамоҳӣ овардааст. Дар се зербобҳои дигар муаллиф таъсири мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо ба сабзишу инкишофи растаниҳои чормағзи заминии навъи “Тоҷикӣ-15”-ро барраси намудааст. Маълумотҳои овардашудаи таҳқиқотии ин боб нишон доданд, ки ҳосилнокии анбӯҳи сабз, буда, ғилофакҳо ва дони чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мӯҳлати кишти даҳаи аввали моҳи июн ва зичии ниҳолҳо 116 ҳазор дар 1 га зиёдтар буда аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок аст.

Дар боби чорум муаллиф оиди самараи иқтисодии парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ дар шароити Тоҷикистони Марказӣ маълумотҳоро дар ҳаҷми 7 саҳифа (5,0 %) пешниҳод менамояд. Татбиқи натиҷаҳои кор дар истеҳсолот нишон доданд, ки агар технологияи парвариши ин зироат аз навъи “Тоҷикӣ-15” дар кишти ангорӣ бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га дар ҳолати қатъии риояи мӯҳлати мусоиди кишт дар даҳаи аввали моҳи июн, ҳосилнокии

дон ба ҳисоби миёна 12,0-13,2 с/га-ро ташкил медиҳад, ки ин ба грифтани 7150-3270 сомони фоидаи соф аз 1/га имконият медиҳад.

Хулосаҳои асосие ки дар 7 банд оварда шудаанд ва тавсияҳо барои истеҳсолот аз мазмуни диссертатсия бар меоянд.

Хулоса, дар шароити кам будани захираҳои заминҳои обёришаванда дар Ҷумҳурӣ, яке аз роҳҳои бештар ба даст овардани маҳсулоти кишоварзӣ минбаъд дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ намудани кишти такрории зироатҳо дар мадди аввал меистад. Дар ин раванд махсусан ҷорӣ намудани кишти ангории чормағзи заминӣ аҳамияти хуби иқтисодӣ дорад. Васеътар ҷорӣ намудани кишти ангории ин зироат дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ дар оянда баҳри зиёдтар истеҳсол намудани равғани аз ҷиҳати экологӣ тозаи растанӣ, бедаи серғизо барои чорво ва чун зироати пешинакишти хуб баҳри баланд бардоштани ҳосилхезии замин аҳамияти калони амалӣ дорад ва муаллиф Бегназаров Д.Б. дар ин ҷодда ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**Дар диссертатсия чунин эроду камбудиҳо ҷой доранд:**

1. Хуб мешуд, ки дар охири бобҳои диссертатсия хулосаҳои мухтасар оварда мешуд, ки ба зиёдтар шудани ҳаҷми умумии диссертатсия ҳам мусоидат мекард.
2. Вобаста аз имконият агар вариантҳои мӯҳлати кишти чормағзи заминӣ 3-то мешуд ба ҷойи 2-то (саҳ. 63), яъне даҳаи аввали моҳи июн ва даҳаи дуюми ҳамин моҳ, шояд натиҷаҳои хубтар ба даст меомад.
3. Таъсири радиатсияи фаъоли фотосинтетики вобаста аз мӯҳлати кишти чормағзи заминӣ яъне 1-5,06 ва 10-15,06 шояд он қадар фарқшаванда набошад, лекин вобаста аз зичии ниҳолҳо дар 1 га албатта фарқияти ҷиддӣ ба мушоҳида мерасад.
4. Дар боби 2 саҳ. 38 диссертатсия аввали сарсатри якум "Муракабии орфографӣ, ки мақолаи илмӣ аст ба ҷои калимаи орфографӣ", (рельеф) ва давомаш калимаи "Релеф" калима забони русӣ буда бе аломати ҷудои навишта шудааст.
5. Дар саҳифаи 58 боби 3 маълумотҳои ҷадвали 3.1.1. ва диаграммаи 3.1.1. оиди ҳосили дони ҷави тирамоҳӣ ҳаммаъноанд.
6. Дар боби сеюм саҳифаи 65 дар ҷадвали 3.2.1 мӯҳлати кишти чормағзи заминӣ 10 июн дар сутунчаи 4-ум аз чап ба рост пайдошавии ғилофакҳо ба таври аз 55/08 то 68/8 навишта шудааст, ки маънояш нофаҳмо аст ва эзоҳ ҳам оварда нашудааст.
7. Дар саҳифаи 95 боби 4-ум омадааст: грифтани аз 7150 то 8290 фоидаи соф аз 1 га имкон медиҳад. Ченаки фоида (сомонӣ) оварда нашудааст.
8. Дар саҳифаи 58 боби 3 маълумотҳои ҷадвали 3.1.1. ва диаграммаи 3.1.1. оиди ҳосили дони ҷави тирамоҳӣ ҳаммаъноанд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯъи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01 –

зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, кори илмии ба анҷомрасида буда, аҳамияти илмию амалӣ дорад. Маълумотҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда аҳамияти муфиди илмию амалӣ дошта, дар он самаранок парвариш намудани чормағзи заминӣ баҳри ба даст овардани равғани растанӣ, хӯроки серғизои чорво ва баланд бардоштани ҳосилхезии замин илман исбот шудааст.

Диссертатсия ва автореферат ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳо ва унвони номзади илм”, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Оид ба мавзӯи диссертатсия 6 маводҳои илмӣ ба нашр расида 4 тои аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмии муаллиф пурра инъикоси худро ёфтаанд.**

**Автореферат низ мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос мекунад.**

Аз ин лиҳоз ҷаласа ба хулосае омад, ки диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда муаллифи он Бегназаров Д.Б. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06-01.01-Зироаткории умумӣ, растаниправарӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи Шӯрои илмии Институти биологии Помир АМИТ протоколи №2 аз 13 апрели соли 2023 баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

Раиси Шӯрои илмӣ, сарходими
илмии озмоишгоҳи мевапарварии
баландкӯҳи Институти биологии
Помир , доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АМИТ ______А.С. Фелалиев

Мудири озмоишгоҳи генетикаю
селексияи растаниҳои Институти
биологиии Помири АМИТ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
узви вобастаи АМИТ ______Қ. Абдуламонов

Котиби Шӯрои илмии Институти
биологии Помир АМИТ, н.и.б. ______Г.С. Хуҷаназарова

Имзоҳои Фелалиев А.С., Абдуламонов Қ.
ва Хуҷаназарова Г.С.- ро тасдиқ менамоям:
мудири шӯъбаи кадрҳои Институти
биологии Помири АМИТ ______Л.Наврузқулова

Суроға: 736000, Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи ба номи У.Холдоров,1
Институти биологии Помир ба номи академик Х.Юсуфбекови АМИТ
Эл.почта gulnora65@inbox.ru; тел. моб.: +992 93 567 5416; +992 93 786 9777.